# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. – Санъати мусиқӣ пешниҳод шудааст. – Душанбе, 2026. – 223 с.**

Мусаллам аст, ки фалак аз жанрҳои қадимтарин ва маъруфи мусиқии анъанавии тоҷик ба шумор меравад, ки таърихи он ба садсолаҳои дур мерасад. Ҳарчанд жанри фалак мансуби фарҳанги миллӣ буда, барои сокинони кулли мамлакати мо баробар тааллуқ дошта бошад ва инчунин, қишрҳои гуногуни ҷомеа, новобаста аз тафриқаҳои синнусолӣ, мансубияти ҷинсиву эътиқодӣ, дараҷаи донишу саводнокӣ онро иҷро мекунанд, рушду таҳаввули он на дар ҳама ҷо якмаром будааст. Ин навъи суруд бештар дар минтақаҳои ҷанубӣ ва кӯҳистони Тоҷикистон, аз ҷумла Хатлон ва Бадахшон рушд ёфтааст.

Агар ба шинохти вожаи «фалак» баргардем, он ба мо мафҳумҳои осмон, тақдир ва гардиши рӯзгорро пеш меорад ва мазмуни сурудҳои фалакӣ бештар ба дарду орзу, муҳаббат, зиндагӣ ва сарнавишти инсон бахшида мешавад. Дар гузашта фалакро мардум ҳангоми маросимҳои гуногун, корҳои саҳроӣ ва ҷамъомадҳои мардумӣ иҷро мекарданд. Бо гузашти замон ин жанри мусиқӣ ҳамчун қисми муҳимми мероси фарҳангии тоҷикон ҳифз гардида, ба саҳнаҳои касбӣ роҳ ёфт. Алъон фалак на танҳо дар Тоҷикистон, балки дар сатҳи байналмилалӣ низ ҳамчун мероси фарҳангии миллӣ шинохта шудааст. Ҳунармандони машҳури тоҷик барои ҳифз ва рушди ин санъат саҳми калон гузоштаанд ва ҳар сол фестивалу чорабиниҳои фарҳангӣ барои тарғиби фалак баргузор мегарданд. Фалак барои наслҳои ҷавон низ аҳаммияти калон дошта, дар тарбияи эҳсоси худшиносӣ ва эҳтиром ба фарҳанги миллӣ нақши муҳим мебозад.

Кори диссертатсионии унвонҷӯи Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов – Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи **«Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ»**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. – Санъати мусиқӣ пешниҳод шудааст, ба яке аз масъалаҳои муҳим ва мубрами мусиқишиносии тоҷик – таҳқиқи меъёрҳои жанрӣ дар падидаи Фалак бахшида шудааст. Дар шароити рушди илми мусиқишиносии миллӣ ва таваҷҷуҳи афзояндаи ҷомеа ба мероси фарҳангии мардумӣ, омӯзиши илмии Фалак ҳамчун падидаи марказии мусиқии суннатии тоҷикони кӯҳистон аҳаммияти хосса касб менамояд.

Мавзуи интихобнамудаи унвонҷӯ аз чанд ҷиҳат мубрам арзёбӣ мегардад.

Аввалан, Фалак дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз рамзҳои муҳимми ҳувияти миллӣ табдил ёфта, бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои эҳё ва рушди он тадбирҳои муҳимми давлатӣ амалӣ гардиданд. Таъсиси ансамбли давлатии «Фалак», таҷлили «Рӯзи Фалак», баргузор шудани симпозиуму анҷуманҳои байналмилалӣ ва густариши фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷумлаи ҳамин иқдомҳо мебошанд.

Сониян, ҳарчанд дар даҳсолаҳои охир доир ба масъалаҳои гуногуни Фалак таҳқиқоти арзишманд анҷом ёфтаанд, масъалаи муайян намудани меъёрҳои жанрӣ дар Фалак то имрӯз ба таври мукаммал таҳқиқ нашуда буд. Аз ҳамин нуқтаи назар, кори диссертатсионии мазкур кӯшиши нахустини илмӣ барои таҳлили фарогири доираи жанрии Фалак ва муайян кардани меъёрҳои жанрсозии он маҳсуб меёбад.

Диссертант **мақсади** таҳқиқоти худро хеле мушаххас ва илмӣ муайян намудааст: таҳқиқи доираи жанрии Фалак ва муайян намудани меъёрҳои жанрии он дар ду анъанаи асосӣ – фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ. Барои расидан ба ин мақсад зарурати иҷрои як қатор вазифаҳои муҳимми илмӣ пеш омад, ки унвонҷӯ дар рафти таҳқиқ онҳоро пайгирона ва аз лиҳози нигоҳдошти алоқамандии мантиқӣ амалӣ намудааст. Аз ҷумла, муайян намудани доираи жанрӣ дар ҳар ду анъана, таҳқиқи равандҳои шаклсозӣ, таҳлили фалакҳои яккисма ва силсилавӣ, омӯзиши услуби силсиласозӣ ва таҳлили татбиқи назарияи жанр дар амалияи муосири фалакхонӣ аз ҷумлаи ҳамин вазифаҳо мебошанд, ки ба назари мо, аз ҷониби диссертант муваффақона ҳал гардидаанд.

Бояд махсус таъкид кард, ки **заминаи назариявӣ** ва **методологии** диссертатсия вусъатнок ва муътамад мебошад. Муаллиф ба консепсияи илмии мусиқишиноси маъруф Ф. Азизӣ такя намуда, ҳамзамон аз дастовардҳои олимони барҷастаи мусиқишиносӣ, мақомшиносӣ, фолклоршиносӣ ва фарҳангшиносӣ васеъ истифода кардааст. Дар баробари ин, таҷрибаи амалии фалакхонони маъруф, аз ҷумла Одина Ҳошим, Давлатманд Хол, Файзалӣ Ҳасан, Соҳиба Давлатшоева, Муҳаммадсафар Муродов ва дигарон низ ҳамчун заминаи муҳимми таҳқиқот истифода гардидааст.

Дар мавриди **навгонии** илмии диссертатсия гуфтан ҷоиз аст, ки он воқеан назаррас мебошад. Тибқи таҳлили осори илмӣ ва таҳқиқотии мавҷуда маълум мегардад, ки дар мусиқишиносии тоҷик ба таҳлили илмии доираи жанрии Фалак нахустин маротиба маҳз муаллифи рисола пардохта, меъёрҳои асосии жанрии онро муайян намудааст. Яке аз дастовардҳои муҳимми таҳқиқ мушаххас сохтани нақши қолабзарб ва қолабоҳанг ҳамчун меъёрҳои асосии жанрӣ дар Фалак мебошад. Ҳамчунин, ба илм ворид намудани жанрҳои нодири «Фалаки Дарӣ» ва «Фалаки Сафарӣ» аз муҳимтарин навгониҳои илмии рисола маҳсуб меёбад.

Диссертатсия аз ҷиҳати сохтори дохилии худ ба талаботи ин гуна корҳои илмии тахассусӣ комилан ҷавобгӯ мебошад ва аз муқаддима, се боб, хулосаю рӯйхати адабиёт иборат аст.

Дар **боби аввали** рисола муҳаққиқ масъалаҳои назариявии жанрро дар мусиқишиносӣ таҳлил намуда, заминаҳои пайдоиши жанр дар мусиқии суннатии тоҷикро тавассути ду фасл мавриди таҳқиқу натиҷагирӣ қарор додаст мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Фасли аввали** боби аввал **«Мафҳуми «жанр» дар мусиқишиносӣ»** номгузорӣ шуда, дар он консепсияҳо ва андешаҳои илмӣ роҷеъ ба мафҳуми истилоҳии «жанр», ки дар илми мусиқишиносӣ мавҷуданд, таҳлил, муқоиса ва хулоса шудаанд. Муаллиф андешаҳои олимони маъруфи мусиқишиносӣ, аз ҷумла Е.В. Назайкинский, А.Г. Коробова, А.Н. Сохор, О.В. Соколов ва дигаронро таҳлил намуда, ба масъалаи жанр аз диди илми муосир муносибат кардааст. Дар ҷараёни таҳлили масъалаи марказии фасл, муаллиф хулосаашро бар коркардҳои мусиқишиноси тоҷик Ф.А. Азизӣ ҷамъбаст мекунад, ки асоси илмӣ доранд.

Дар **фасли дуюми** боби аввал бо номи «**Пешомадҳои пайдоиши жанр дар мусиқии суннатӣ»** таҳқурсии пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули Фалак ҳамчун жанри мусиқӣ дар миёни сокинони бумии минтақаҳои Кӯлоб ва Бадахшон (Помир) аз назари таҳлил бароварда шудаанд. Ҷои таъкид аст, ки муаллифи диссертатсия, ба хотири баррасии дуруст ва илмии масъала, муайян намудани моҳияти Фалак дар мусиқии суннатии ин ду минтақаро аз лиҳози мантиқи таҳлил дуруст шумурдааст ва онро тавассути дарёфти посух ба се савол: «...дар фазои мусиқӣ-интонатсионии ин минтақаҳо Фалак чӣ моҳиятро пайдо кардааст?», «Фалак чӣ нақши заминавӣ дорад?» «Фалак аз рӯйи меъёрҳои худ ба жанрҳои дигари мусиқии ин минтақаҳо чӣ рабт ба вуҷуд овардааст?» (саҳ. 22) ҳаллу фасл намудаст.

Дар ҳалли мавзуъ унвонҷӯй ба хулоса омадааст, ки жанрҳои ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, шоҳбайт, шаҳд, қасида ва даргилик дар робита бо Фалак як қатор умумиятҳоро пайдо кардаанд, ки асос ёфтанашон дар қолабзарбҳои фалак ва интихоби чормуқом ба ҳайси асоси лаҳнӣ дар онҳо аз умумиятҳои аслӣ ба шумор меоянд (саҳ. 61).

**Боби дуюми** диссертатсия ба таҳлили ҳалли композитсионӣ дар жанрҳои Фалак бахшида шудааст ва он ба ду фаслу чаҳор зерфасл мунқасим шудаст.

Вобаста ба талаботи таҳлили мавзуъ, унвонҷӯ **фасли аввали** ин боб – **«Доираи жанрӣ дар анъанаи фалаки помирӣ»**-ро ба ду зерфасл ҷудо намудаст. Пеш аз пардохтан ба таҳқиқи мавзуи марказии зерфасли аввал, муллифи диссертатсия тавзеҳи мафҳуми «фалак» ки дар анъанаи фалаки помириро меорад ва баён медорад, ки он «ба ду маъно – васеъ ва мушаххас –

фаҳмида мешавад: ба маънои васеъ ҳамаи навъҳое, ки бидуни қолабзарб, бадоҳатан, озодона созӣ ё овозӣ иҷро мешаванд; ба маънои мушаххас – жанри овозӣ ё созӣ аз доираи Фалак» (саҳ. 62).

*Зерфасли аввали* фасли якуми боби дуюми диссертатся *«Фалакҳои якқисма»* номгузорӣ шудааст ва дар натиҷаи таҳлили ҳаматарафаи масъала унвонҷӯ навъҳои зерини Фалаки помириро ҷудо намудаст: Фалак, Фалак-Муноҷот, Фалак-Фарёд, Бепарвофалак, Фалак-Гиря, фалаки мотамӣ. Ҳар яки ин жанроҳои фалак ба таври алоҳида ва бо мисолҳои мушаххас таҳқиқ гардида, тарҳи нотавии онҳо низ нишон дода шудааст. Чунин тарзи таҳлили арзиши амалии корро зиёд месозад.

Ҳадафи *зерфасли дуюм – «Фалакҳои силсилавӣ»*-ро муаллифи кор таҳлили фалакҳои силсилавӣ дар анъанаи фалаки помирӣ нишон додааст Фалаки силсилавӣ дар ин анъана дуқисма ва панҷқисма пешниҳод шудааст, ки аз жанрҳои Фалак-Рапо, Фалак-Мадҳия, Фалак-Ҳайдарӣ ва Фалак-Ситоиш фароҳам омадааст. Ҳамаи жанрҳои дар ин зерфасл омада аз ҷиҳати таркиб, мазмун ва тарзи иҷро, яъне умумият ва фарқият аз ҳамдигар таҳлил шудаанд. Чунин таҳлил ва таҳқиқи дар илми мусиқишиносии тоҷик, махсусан фалакшиносии он, як таҷрибаи муҳим ва дорои аҳаммияти илмӣ мебошад.

Ду зерфасли дигари боби дуюми кори илмӣ дар фасли дуюми ҳамин боб мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. *«Фалакҳои якқисма» зерфасли аввали* фасли дуюми боб буда, он аз шарҳи мафҳуми фалаки озод ва фалаки зарбӣ, бо нишон додани сохтори композитсионии онҳо оғоз мешавад. Дар ин зерфасл Фалаки Даштӣ ҳамчун жанри навъи фалаки озод, Фалаки Ғарибӣ Фалаки Паррон, Фалаки Қаландарӣ, Фалаки Сафарӣ ҳамчун фалакҳои навъи якқисмаи овозӣ аз анъанаи фалаки кӯлобӣ ба таври илмӣ ва бо овардани мисолҳои мушаххас таҳлил гардидаанд. Чунин таҳлил имконияти муқоисаи тарафҳои монанду мухталифи на танҳо ин жанрҳоро дар як минтақа, балки минтақаҳои дигар низ имкон фароҳам меоварад ва муаллифи кор чунин иқдомро пешгирӣ намудааст.

Дар *зерфасли дуюми* фасли дуюми боби дуюм, ки *«Фалакҳои силсилавӣ»* ном гирфитаст, гуногуншаклӣ ва гуногунсароии ин жанр дар анъанаи фалаки кӯлобӣ нишон дода шудааст. Зери ин таҳлил, муаллиф мушоҳидаи амалӣ ва таҳқиқи илмиро дар самти силсилаи чаҳорқисмаи Фалаки Роғӣ, силсилаи сеқисмаи Фалаки Дарӣ, силсилаи дуқисмаи Фалаки Қаландарӣ, силсилаи чаҳорқисмаи Фалаки Қаландарӣ ва силсилаи чаҳорқисмаи Фалаки Паррон анҷом додааст. Ҳамаи ин навъҳои жанри фалак аз фаъолияти фалаксароии бузургтарин ҳофизони тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд, ки назария ва амалияи корро ба таври зарурӣ муаррифӣ месозад.

Дар умум, муаллифи рисола дар ин боб доираи жанрии фалаки помирӣ ва кӯлобиро муфассал таҳлил намуда, хусусиятҳои фалакҳои яккисма ва силсилавиро нишон додааст. Таҳлили жанрҳои Фалак-Мадҳия, Фалак-Рапо, Фалак-Ҳайдарӣ, Фалаки Роғӣ, Фалаки Қаландарӣ, Фалаки Дарӣ ва дигар жанрҳо бо истифода аз маводи амалии нотавӣ ва таҳлили композитсионӣ анҷом дода шудааст. Унвонҷӯ тавонистааст хусусиятҳои умумӣ ва фарқкунандаи анъанаҳои кӯлобӣ ва помириро бо далелҳои илмӣ асоснок намояд.

Дар **боби сеюми** диссертатсия (**«Татбиқи масъалаҳои назарияи жанрӣ дар амалияи муосири Фалак»**) масъалаҳои татбиқи назарияи жанрӣ дар амалияи муосири Фалак тавассути се фасли асосӣ таҳқиқ гардидааст.

Дар **фасли «Мавқеи калидии Фалаки Равона дар анъанаи фалаки кӯлобӣ»** ҷойгоҳ ва аҳаммияти жанри Равона ҳамчун пояи асосии сохторӣ ва назариявии санъати Фалак мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф бо такя ба андешаҳои мусиқишинос Ф.А. Азизӣ нишон медиҳад, ки қолабзарби Равона ҳамчун яке аз шаклҳои аслии зарбии Фалак, заминаи ташаккули жанрҳои дигари фалакӣ ба шумор меравад. Дар фасл нақши назарияи Мавлоно Наҷмиддини Кавкабӣ дар фаҳмиши системаи чормуқом ва мавқеи Равона дар ин низом баррасӣ гардида, бори нахуст таҳлили илмии муқомҳои Равонаи Роғӣ ва сохтори лаҳнии он пешниҳод шудааст. Ҳамчунин таъкид мегардад, ки жанрҳои гуногуни Равона, аз ҷумла, Равонаи Ғарибӣ, Равонаи Паррон, Равонаи Қаландарӣ ва Равонаи Дарӣ дар ҳифз ва рушди анъанаи фалаки кӯлобӣ нақши муҳим доранд. Аҳаммияти фасл дар он ифода меёбад, ки он Фалаки Равонаро ҳамчун меҳвари ҳифзи табиати мусиқии Фалак, устувории зарби равона ва пойдории системаи чормуқом муаррифӣ мекунад.

Дар **фасли «Меъёрҳои асосии жанрии Фалак»** хусусиятҳои жанрсоз ва сохтории санъати Фалак мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифта, нақши қолабзарб ва қолабоҳанг ҳамчун меъёрҳои асосии ташаккули жанрҳои фалакӣ нишон дода шудааст. Муаллиф бо такя ба анъанаҳои мусиқии мақомии Шарқ собит месозад, ки Фалак низ дорои низоми мукаммали жанрӣ буда, қолабзарбҳо ва қолабоҳангҳо дар он ба таври мустақил амал мекунанд. Дар фасл навъҳои гуногуни қолабзарбҳо, аз ҷумла бепарвофалак, рапо, пастубаланд, ҳайдарӣ, сафарӣ, равона, шикаста, рафт, зарб, чапзарб, уфар ва ситоиш бо хусусиятҳои вазнӣ, зарбӣ ва нақши онҳо дар пайдоиши жанрҳои ҳамном таҳлил шудаанд. Ҳамчунин, нақши қолабоҳангҳо, аз қабили даштӣ, ғарибӣ, паррон, роғӣ, қаландарӣ ва дарӣ дар ташаккули жанрҳои фалакӣ баррасӣ гардидааст. Аҳаммияти асосии зерфасл дар он зоҳир мешавад, ки он бори дигар табиати мақомии Фалакро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намуда, низоми жанрии онро ҳамчун як падидаи мустақили мусиқии суннатии тоҷик муайян мекунад.

Дар **фасли «Амалҳои бастакорӣ зимни фалакхонӣ»** равандҳои эҷодии бастакорӣ дар санъати муосири Фалак тавассути таҳлили осори устодон Одина Ҳошим, Давлатманд Хол ва Файзалӣ Ҳасан баррасӣ шудаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки чӣ гуна ин ҳунармандон бо такя ба анъанаҳои классикии фалакхонӣ ва дар доираи системаи чормуқом асарҳои нави мусиқиро бо услуб ва талқини инфиродӣ офаридаанд. Дар таҳлили Равонаи «Боди Наврӯзӣ», «Ситораи ҳафтдодарон» ва «Фалаки Шод» хусусиятҳои оҳангсозӣ, истифодаи даромади созӣ, сохтори композитсионӣ, таносуби матни шеърӣ бо оҳанг ва нақши қолабзарби равона дар муайян намудани жанр нишон дода шудааст. Ҳамчунин фасл гуногунрангии мактабҳои иҷроӣ ва бастакории фалакро аз рӯйи истифодаи муқомҳо, шаклҳои шеърӣ, дараҷоти лаҳнӣ ва тарзи композитсия равшан месозад. Аҳаммияти фасл дар он аст, ки он пойдории анъанаҳои назарӣ ва амалии Фалакро дар замони муосир собит намуда, нақши эҷодиёти бастакоронро дар ғановати жанрӣ, рушди шаклҳои нави композитсионӣ ва таҳкими мавқеи Фалаки Равона ҳамчун меҳвари асосии санъати Фалак таъкид мекунад.

Дар умум, яке аз бартариҳои муҳим, ки дар ҳаллу фасли мавзуи марказии диссертатсия ба назар расид, аз ҷониби муаллиф таҳқиқоти назариявиро бо таҷрибаи амалии фалакхонӣ пайваст намудан аст. Ӯ на танҳо ҳамчун муҳаққиқ, балки ҳамчун иҷрокунанда ва омӯзгори соҳаи Фалак ба масъала муносибат карда, аз таҷрибаи чандинсолаи эҷодӣ ва омӯзгорӣ самаранок истифода намудааст. Иштирок дар экспедитсияҳои мусиқӣ-этнографӣ, ҷамъоварии маводи саҳроӣ, банотагирии намунаҳои Фалак ва фаъолияти пайвастаи омӯзгорӣ ба арзиши илмии таҳқиқот таъсири мусбат расонидаанд.

**Аҳаммияти назариявӣ** ва **амалии** рисола низ назаррас мебошад. Натиҷаҳои таҳқиқ метавонанд дар рушди илми мусиқишиносии тоҷик, таълими фанҳои мусиқии суннатӣ, таҳияи барномаҳои таълимӣ, омӯзиши сарояндагии анъанавӣ ва фаъолияти эҷодии фалакхонон васеъ истифода шаванд.

Мазмун ва муҳтавои рисола дар як силсила **хулосаҳои илмӣ** ҷамъбаст гардида, дар онҳо асосҳои назариявӣ ва амалии жанршиносии Фалак, сохтори жанрӣ, низоми лаҳнӣ ва зарбии он, хусусиятҳои силсиласозӣ ва ҷойгоҳи Фалак дар доираи анъанаҳои мақомии тоҷик равшан баён шудаанд. Хулосаҳо дорои асоснокии илмӣ буда, бо такя ба таҳлили муқоисавӣ, маводи саҳроӣ, таҷрибаи иҷроӣ ва принсипҳои назарияи мусиқии Шарқ таҳия гардидаанд. Онҳо натиҷаҳои иҷрои вазифаҳои асосии рисоларо пурра фаро гирифта, масъалаҳои марбут ба меъёрҳои жанрӣ, қолабзарб, қолабоҳанг, чормуқом, жанрҳои яккисма ва силсилавӣ, инчунин робитаи Фалак бо дигар жанрҳои суннатии тоҷикро ҳаллу фасл менамоянд. Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст Фалак ҳамчун низоми мукаммали жанрии мақомӣ аз диди мусиқишиносӣ таҳлил шуда, меъёрҳои жанрии он муайян, мавқеи калидии қолабзарби равона ва

хусусиятҳои силсиласозӣ дар анъанаҳои кӯлобиву помирӣ илмӣ асоснок гардидаанд, ки барои рушди минбаъдаи илми мусиқишиносии тоҷик аҳаммияти назариявӣ ва амалии муҳим доранд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, ки дар натиҷаи баррасиҳои мантиқии мавзуи марказии рисола ба унвонҷӯ даст даст додаанд, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

1) Дар масъалаи муайян намудани жанрҳои мусиқии фалак ва сабти шакли нотавии онҳо унвонҷӯ воқеан кори фавқулодаро анҷом додааст. Бо вуҷуди ин, бархе аз андешаҳои муаллифи рисолаи илмиро ба баҳс кашидан метавон. Чунончи, жанри даргилик, ки дар миёни сокинони навоҳии Шуғнон, Рӯшон ва водии Язгуломи ноҳияи Ванҷ бо забонҳои маҳаллӣ интишор дорад, ғолибан аз ду мисраъ иборат аст. Дар диссертатсия ду байти мисраи суруди «Лолазоруме» ҳамчун намунаи ин жанр оварда шудааст, ки жанри даргилик будани онҳо шубҳанок ба назар мерасад (саҳ. 59). Бар замми ин, матни шеърии даргиликро рубоӣ гуфтан ба ҳақиқат рост намеояд (ҳамон саҳ.)

2) Кори илмӣ бо забони шево ва илмӣ навишта шуда, ҳангоми таҳлили мавзуъҳои ҳар як боб, мантиқи сухан ва андеша дар онҳо ба таври дуруст нигоҳ дошта шудааст. Аммо дар имлои баъзе калимаҳо камбуд ба назар мерасад, ки ба забони рисола сактаъ ворид месозанд. Барои мисол, калимаи мураккаби «мисраъоҳанг» бе аломати «ъ» навишта шудааст, ки ғалати имлоӣ мебошад (саҳ. 59-61). Ҳамчунон, баъзе истилоҳот ба назар сохта метобанд ва ба маънои аслии калимаву истилоҳ талаффузи дурушт ато мекунанд. Масалан, ибораи сохтаи «банди авҷӣ» (саҳ. 91, 92 ва ғ.) аз қабили чунин ибораҳост, ки унвонҷӯ метавонист онро ба таври дуруст, яъне дар шакли «банди авҷ» истифода кунад.

3) Як эроди мо нисбат ба истифодаи намунаҳои шеърӣ мебошад, ки дар сар то сари диссертатсия мавҷуданд. Муаллифи рисола, бо вуҷуди ба таври фаровон истифода намудан аз намунаҳои шеърӣ, сарчашмаи онҳоро нишон намедиҳад.

4) Афтореферати омодашуда ҳаматарафа муҳтавои диссертатсияро фарогир аст ва нусхаи русии он ҳам ба аслаш мувофиқат мекунад. Ягона эрод роҷеъ ба он ин аст, ки дар ҷамъбасти боби сеюми кор ба ҷои «фасли дуюми боби сеюм» саҳван «зерфасли дуюми боби сеюм» омадааст (саҳ. 30).

Эродҳои гирифтаи мо ҷузъӣ буда, аксаран характери маслиҳатӣ доранд ва онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии кори диссертатсиониро коста намесозанд.

Дар умум, диссертатсияи Саъдулло Каримзода таҳқиқоти мустақил, мукаммал ва аз нигоҳи илмӣ арзишманд ва ба талаботи корҳои илмии тахассусӣ ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф дар таҳқиқи масъалаи марказии диссертатсия саҳми назаррас гузошта, як қатор масъалаҳои муҳими мусиқишиносии тоҷикро мавриди баррасии амиқ қарор додааст. Автореферат ва мақолаҳое, ки диссертант оид ба мавзуи марказии таҳқиқ ба нашр расондааст, ба таври комил

муҳтавои диссертатсияро фаро гирифтаанд. Дар мавриди мавзуи интихобнамудаи унвончӯ ҳаминро бояд таъкид намуд, ки он пурра ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 6.4.3. – Санъати мусиқӣ мувофиқат мекунад. Ҳамчунин, коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Каримзода Саъдулло Салим дар мавзуи «**Хусусиятҳои жанрӣ дар анъанаҳои фалаки кӯлобӣ ва фалаки помирӣ**» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои санъатшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 6.4.3. – Санъати мусиқӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои филологӣ, ходими
пешбари илмии Институти илмҳои
гуманитарии ба номи академик
Б. Искандарови АМИТ — Охониёзов В.Д.
«13» майи соли 2026

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВКМБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4
E-mail: shuwoz@mail.ru
Тел.: (+992) 93-593-16-93.

Имзои В.Д. Охониёзовро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти
илмҳои гуманитарии ба номи академик
Б. Искандарови АМИТ — Искандаршоева З.К.

Суроға: 736000, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ВКМБ, ш. Хоруғ, кӯчаи У. Холдоров, 4.
E-mail: dilya.04.11@mail.ru
Тел.: (+992)934541166
«15» майи соли 2026